
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис



ВБД: 07+556:556.124 (575.3) (76.12+28.082+26.222.8 (2 тоҷик))

БОБОШОҲЗОДА МУҲАММАДШАРИФ САНГИНМУРОД

ГУФТУМОН (ДИСКУРС)-И РАСОНАИИ ДИПЛОМАТИЯИ ОБИ ТОҶИКИСТОН: ТАҲЛИЛИ МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМОИ ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО

АВТОРЕФЕРАТ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертатсия дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ: **Саидмурод Хоҷазод** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

Охунзода Насриддин – номзади илмҳои филологӣ, муовини сармуҳаррири Нашрияи рӯзномаи «Омӯзгор».

Муассисаи пешбар: **Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон»**

Ҳимояи диссертатсия «02» декабри соли 2026, соати 13:00 дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суроға: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, толорои шуроҳои диссертатсионӣ; E-mail: zbsh@list.ru; телефон: (+992) 907-307-035) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ва тавассути сомонаи www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рӯзи «___» _____ соли 2026 фиристода шудааст.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ **Зоириён Б.Ш.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба масоили мазкур дар Конфронси сеюми байналмилалии “Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” чунин ибрози назар намудааст: “Мо набояд фаромӯш кунем, ки об сарчашмаи ҳаёт аст ва бе он зиндагӣ вуҷуд надорад. Об ҳаёти инсон ва тамоми мавҷудоти зиндаи табиат аст. Об на танҳо захира барои нушидан аст, он барои тавлиди неруи барқ, истеҳсоли ғизо, рушди саноат, устувории муҳити зист ва дигар ҷанбаҳои ҳаёт нақши калидӣ дорад” [19]. Бо таваҷҷуҳ ба иқтибоси фавқ андешаҳои Пешвои миллат моҳияти илмӣ ва амалии таҳқиқи гуфтумони расонаии дипломатияи обро равшан месозад, зеро дар шароити муосир масъалаи об на танҳо ҳамчун масъалаи табиӣ, балки ҳамчун мавзуи амнияти экологӣ, сиёсати байналмилалӣ, маърифати ҷамъиятӣ ва фаъолияти ВАО аҳаммияти махсус пайдо кардааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ на танҳо кишвари дорои захираҳои назаррасии об, балки кишвари ташаббускор дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст. Дар манбаъҳои расмӣ, аз ҷумла Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон “шумораи пиряхҳои Тоҷикистон аз 13 ҳазор то 14 ҳазор нишон дода шуда, тақрибан беш аз ҳазор пирях пурра аз байн рафтааст. Дар манобеи мазкур таъкид мешавад, ки то 60 фоизи захираҳои оби тозаи Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон ташаккул меёбад” [5] .

Аммо агар ин мавзуъ ба таври жарфу ҳамаҷониба таҳқиқу баррасӣ ва инъикос шавад, матбуот ба яке аз воситаҳои калидии маърифатсозии экологӣ ва мустаҳкам кардани мавқеи байналмилалии кишвар табдил меёбад. Аз ҳамин ҷиҳат, таҳқиқи гуфтумони расонаии дипломатияи об ва инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо дар матбуоти даврии

тоҷик муҳим буда, аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ арзишманд мебошад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Дараҷаи омӯзиши мавзуи мазкурро метавон дар чанд самт пешниҳод кард. Самти аввалро метавон ба таҳқиқоти умумии журналистика, назарияи дискурс, гуфтори оммавӣ ва жанрҳои матбуот марбут донист. Дар ин доира масъалаҳои сохтори матни публисистӣ, нақши расона дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, қолабсозии маъно, муносибати забон ва идеология, инчунин, хусусиятҳои жанрҳои хабарӣ ва таҳлилӣ баррасӣ шудаанд, ки донишмандони дохилию бурунмарзӣ, амсоли Нуралиев А., Муқимов М., Эшонқулов Э., Муллоев Ш., Қурбонов С., Қосимов М., Горшкова М., Юферева А., Ҳенсн А., Еллан С., Карвалиё А. роҷеъ ба мавзуи мавриди назар қаламфарсоӣ кардаанд.

Таҳқиқоти ба сомон расондаи муҳаққиқони мазкур барои фаҳмидани заминаи назариявии рисолаи мазкур муҳим буда, имкон медиҳанд, ки расона на ҳамчун канали интиқоли хабар, балки ҳамчун механизми тавлиди маъно арзёбӣ гардад.

Самти дуюм ба асарҳо ва мақолаҳои бахшида ба экожурналистика, коммуникатсияи экологӣ ва инъикоси масъалаҳои тағйирёбии иқлим дар ВАО тааллуқ дорад. Дар ин гурӯҳ масъалаҳои ахлоқи рӯзноманигорӣ дар инъикоси мавзуъҳои илмӣ, истифодаи маълумоти оморӣ, мутобиқсозии истилоҳоти мураккаби экологӣ ба забони шевою фасеҳи омма, нақши шаклҳои нави медиавӣ ва иштироки коршиносон дар муҳокимаҳои ҷамъиятӣ таҳлил шудаанд. Бо вуҷуди арзиши назариявӣ ва амалии онҳо, аксари чунин таҳқиқот бештар ба фазои расонаии ҷаҳонӣ ё ба кишварҳои дорои мактаби устувори журналистикаи экологӣ нигаронда шудаанд. Дар ин самт метавон ба таҳқиқоти донишмандоне чун Салихов Н., Салимов Д. М., Муродов М., Давлатов Ф. С., Бобоев Н., Каримов Р., Сафаров Ҳ., Калинина Н. В., Бояков М. Т., Адам В., Счафер М. С., Пайнтер Ҷ., Еҷаз В., Мухерҷе М., Флечер Р. ишора кард.

Самти сеюм ба таҳқиқоти вобаста ба дипломатияи об, амнияти об, муносибатҳои фаромарзӣ ва сиёсати байналмилалии захираҳои об пайванд дорад. Ин ҷо масъалаи об бештар аз дидгоҳи геополитикӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва дипломатӣ аз тарафи муҳаққиқоне, ба монанди Тоирова Ш. М., Бобоев Н., Каримов Р., Баҳромзода М. З., Шаркова Е. А., Лайкова Я. В., Ҳайн Д. В., Ресер Ҷ. Р. Моррисон М., Филлипс В. Ҷ., Невман Н., Робертсон С. Т., Росс А. таҳқиқоти фарогири илмӣ ба сомон расидааст.

Бо таваҷҷуҳ ба гуфтаҳои фавқ, об дар асри XXI танҳо сарвати табиӣ нест, балки омили ҳамкорӣ, рақобат, ҳамгироӣ, рушди устувор ва ташаккули имиҷи давлатӣ низ мебошад. Аммо дар чунин корҳо худи фазои медиавӣ бештар ҳамчун пасманзар мемонад, на ҳамчун объекти мустақили таҳқиқ.

Самти чорум ба таҳқиқоти тоҷикистонӣ оид ба матбуот, жанрҳои рӯзноманигорӣ, сиёсати иттилоотӣ, инъикоси масъалаҳои давлатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, бархе корҳои бахшида ба об, экология ва ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон вобаста мебошад. Дар самти мазкур пажуҳишоти анҷомдодаи донишмандони тоҷик, аз қабили Давлатов Ф. С., Саидов З. Х., Мирзоева Ф. З., Яқубов Ҷ. Н., Тошматов А. Д., Қодирова Д. Т., Сафаралиев Ф. С. ва дигаронро метавон ном бурд, ки таҳқиқоти онҳо барои муайян кардани хусусиятҳои муҳити миллӣ муҳиманд. Бо вуҷуди ин, дар таҳқиқоти онҳо масъалаи матбуот бештар, бе пайванди амиқ бо дипломатияи об, ҳамчун масъалаи журналистика омӯхта шудааст ё бе таваҷҷуҳи кофӣ ба сохтори забонӣ ва дискурсии матбуот дипломатияи об таҳлил гардидааст. Яъне, дар нуқтаи пайванди се соҳа – суханшиносӣ, журналистика ва дипломатияи об – ноқисии ҳамоҳангии илмӣ ҳануз боқӣ мондааст.

Ҳамин тавр, таҳлили дараҷаи омӯзиши мавзуъ нишон медиҳад, ки заминаи муайяни назариявӣ барои анҷоми чунин диссертатсия вуҷуд дорад, аммо таҳқиқоти маҷмуӣ, ки дар он гуфтумони расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон бо такя ба

таҳлили жанрӣ, маъноӣ, луғавӣ, рамзӣ ва коммуникативӣ дар меҳвари масъалаи ҳифзи пиряхҳо баррасӣ шавад, пажуҳиши комили бунёдӣ арзи ҳастӣ накардааст. Маҳз ҳамин амр зарурати таҳқиқоти мазкурро тақвият мебахшад.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти мазкур бо самтҳои афзалиятноки омӯзиши журналистика, филологияи амалии муосир, коммуникатсияи ҷамъиятӣ, экологияи иттилоотӣ ва барномаҳои миллию байналмилалии вобаста ба масъалаҳои об, иқлим ва рушди устувори онҳо робитаи мустақим дорад. Мавзуъ ба масоили илмии таҳқиқи расонаҳо ва дискурс тавъам буда, бо ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти об ва ҳифзи пиряхҳо ҳамоҳанг мебошад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқ. Мақсади таҳқиқот аз омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои мундариҷавӣ, жанрӣ, риторикӣ ва коммуникативии гуфтумони расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон иборат буда, ба муайян намудани тарзу услуби инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо дар матбуоти тоҷик, ошкор сохтани мушкилоти мавҷуда ва пешниҳоди роҳҳои такмили он равона шудааст.

Вазифаҳои таҳқиқ. Барои ноил гаштан ба ҳадафҳои рисола дар меҳвари таҳқиқот вазифаҳои зерин ба назар гирифта шудааст:

- баррасии асосҳои назариявии дискурс, журналистикаи мавзуии экологӣ ва дипломатияи об;
- муайян кардани ҷойгоҳи мавзуи ҳифзи пиряхҳо дар рӯзномаи расонаии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- вижагӣ ва рушду инкишофи рӯзномаи экологӣ дар матбуоти даврӣ;
- таҳлили анвои жанрии пӯшиши мавзуъ;
-инъикоси обшавии пиряхҳо дар рӯзномаи “Садои мардум”, ҳафтаномаи “Азия-Плюс” ва АМИТ “Ховар”;

- тарғибу ташвиқи ташаббусҳои глобалии Пешвои миллат оид ба мавзуъҳои обу иқлим дар матбуоти даврӣ;

- мушаххас намудани мушкилоти рӯзноманигорон дар инъикоси мавзуҳои ҳифзи муҳити зист ва экологӣ;

- омӯзиши воҳидҳои калидии луғавӣ ва тарзҳои риторикии пешниҳод;

- муқоисаи пӯшиши матбуоти давлатӣ, мустақил ва электронии тоҷик, ошкор кардани мушкилоти касбӣ ва маъноии инъикос;

- таҳияи хулоса ва тавсияҳо барои такмили гуфтумони расонаӣ.

Объекти таҳқиқ. Объекти таҳқиқот фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон дар самти инъикоси масъалаҳои дипломатияи об, тағйирёбии иқлим ва ҳифзи пиряхҳо мебошад.

Предмети таҳқиқ. Предмети таҳқиқот баррасии маҷмуи хусусиятҳои дискурсӣ, жанрӣ, луғавӣ, услубӣ ва коммуникативии матолиби расонаӣ буда, дар онҳо масъалаи дипломатияи об ва ҳифзи пиряхҳо ба сифати мавзуи сиёсӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ пешниҳод мегардад.

Асосҳои назариявии таҳқиқ. Назарияи дискурс, назарияи рӯзномаи расонаӣ, раванди қолабсозии маъно, консепсияҳои коммуникатсияи экологӣ, экожурналистика ва дипломатияи нармро ташкил медиҳанд. Ин замина имкон медиҳад, ки матни рӯзноманигорӣ на танҳо ҳамчун воҳиди иттилоотӣ, балки ҳамчун сохтори маъниофар ва шакли таъсиррасонӣ ба шуури ҷамъиятӣ таҳлил шавад. Дар доираи рисолаи мазкур матбуот ба сифати сарчашмаи тавлиди маъно, бозтавлиди арзишҳо ва миёнаравӣ миёни дониш, сиёсат ва ҷомеа баррасӣ мегардад.

Дар таҳқиқот се усули меҳварӣ истифода гардидааст. Нахуст, таҳлили муҳтаво истифода мешавад, ки барои он 180 маводи расонаӣ аз солҳои 2018–2025 аз рӯзномаҳои давлатӣ, мустақил, сомонаҳои хабарӣ ва платформаҳои электронии тоҷик пешниҳод шудаанд. Дар доираи ин корпус басомади

мавзуъ, хусусияти сарлавҳаҳо, таркиби манбаъҳо, ҷойгоҳи рақам ва омор, будан ё набудани шарҳи коршиносӣ, таносуби жанрҳои хабарӣ ва таҳлилӣ, инчунин, шеваҳои пайванди масъалаи ҳифзи пиряхҳо бо мавзуъҳои амният, иқтисод, экология ва ташаббусҳои байналмилалӣ омӯхта мешаванд.

Дуюм, таҳлили муқоисавӣ татбиқ мегардад. Ба воситаи он фарқияти миёни матбуоти давлатӣ ва мустақил, нашрияҳои чопӣ ва расонаҳои онлайнӣ, маводҳои хабарӣ ва таҳлилӣ, инчунин, миёни инъикоси дохилӣ ва байналмилалии мавзуъ муайян карда мешавад. Ин усул имконият медиҳад, ки на танҳо тафовути шаклӣ, балки фарқияти мантиқ, забон, ҳадаф ва сатҳи таъсиррасонии ҳар навъи матн ошкор гардад.

Сеюм, дискурс-таҳлил ҳамчун усули калидӣ истифода мешавад. Ба воситаи он калимаҳои меҳварӣ, таркибҳои такроршаванда, метафораҳо, муқоисаҳо, қолабҳои маъноӣ ва стратегияҳои риторикие, ки дар матолиби расонаӣ барои бунёди тавсифи пирях, об, иқлим, ташаббуси давлатӣ ва ҳамкории байналмилалӣ истифода мешаванд, мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Маҳз ҳамин усул имкон медиҳад, ки матбуоти тоҷик масъалаи ҳифзи пиряхҳоро бештар ҳамчун хатар ва сарвати миллӣ, нишонаи нуфузи байналмилалӣ ё унсури маърифати экологӣ пешниҳод кунад.

Асосҳои назарии таҳқиқоти диссертатсионӣ бар пояи осори назарияпардозони дохилӣ ва хориҷӣ, амсоли И. Усмонов, А. Нуралиев, М. Имомзода, А. Қутбиддинов, М. Муқимов, А. Азимов, М. Муродӣ, Н. Салихов, С. Гулов, Ш. Муллоев, Е. А. Шаркова, В. Еҷаз, М. Мухерҷе, Р. Флечер, Я. В. Лайкова, Д. В. Ҳайн, Ҷ. Р. Ресер, В. Ҷ. Филлипс, Н. Невман, А. Росс, Н. В. Калинина, М. Т. Бояков, Ҷ. Пайнтер тарҳрезӣ шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқ пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки мавзуи дипломатияи оби Тоҷикистон бори аввал на танҳо ҳамчун масъалаи сиёсӣ, иқтисодӣ ё экологӣ, балки ҳамчун низоми мукаммали гуфтумони расонаӣ таҳлил

мешавад. Ибдоот ва навоварии диссертатсияро дар нукоти зайл мушоҳида кардан мумкин аст:

Дар таҳқиқоти мавҷуда хусусиятҳои умумии экожурналистика баррасӣ гардида, масъалаҳои дипломатияи об аз дидгоҳи муносибатҳои байналмилалӣ ва амнияти минтақавӣ бо далоили муътамад тавзеҳ ёфтаанд. Ҳамчунин, дар рисола таваҷҷуҳи асосӣ ба он равона карда шудааст, ки чӣ гуна матбуоти даврии тоҷик маънои масъалаи об, пирях, тағйирёбии иқлим ва ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистонро пешниҳод месозад, бо кадом сабку услуби забонӣ ва қолабҳои жанрӣ онҳоро танзим менамояд.

Навгонии дуюм дар истифодаи ҳамзамон (якбора)-и таҳлили муҳтаво, таҳлили муқоисавӣ ва дискурс-таҳлил зоҳир мегардад. Ин раванди маҷмуӣ имкон медиҳад, ки матн ҳам аз нигоҳи оморӣ, ҳам аз ҷиҳати сохтори жанрӣ ва ҳам аз нигоҳи маърифатӣ таҳлил шавад. Яъне, дар доираи диссертатсия матолиби расонаӣ танҳо ба сифати матнҳои ҷудогона не, балки ҳамчун воҳидҳои низоми гуфторӣ баррасӣ мешаванд, ки дар он ҳар сарлавҳа, ҳар истилоҳ, ҳар иқтибос ва ҳар шеваи пешниҳоди далел дар ташаккули муносибати аудитория саҳм мегузорад.

Навгонии сеюм ба муайянсозии қолабҳои маъноӣ ва риторикии пӯшиши масъалаи ҳифзи пиряхҳо дар матбуоти даврии тоҷик вобаста аст. Дар рисола нишон дода мешавад, ки чӣ гуна дар матолиби расонаӣ пиряхҳо гоҳе ҳамчун сарвати миллӣ, гоҳе ҳамчун манбаи амнияти об, гоҳе ҳамчун объекти хатари глобалӣ ва гоҳе ҳамчун унсури имиҷи байналмилалии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд. Ин чандқабатӣ то имрӯз ба таври муназзам аз дидгоҳи суханшиносӣ таҳлил нагардидааст.

Навгонии чорум дар пешниҳоди тавсияҳои амалӣ барои такмили забон, сохтор, жанр ва модели пешниҳоди мавзуъҳои илмӣ-экологӣ дар расонаҳои тоҷик зоҳир мешавад. Дар ин замина диссертатсия на танҳо арзёбии вазъи мавҷуда, балки пешниҳоди роҳҳои мушаххаси беҳбуди муҳтавои расонаиро

низ дар бар мегирад. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқот ҳам дорои арзиши назариявӣ ва ҳам аҳаммияти мустақими амалӣ мебошад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

Ба ҳимоя як қатор натиҷа ва хулосаҳои муҳим пешниҳод мегарданд, ки аз таҳлили назариявӣ ва таҷрибавии маводи расонаӣ ба даст омадаанд. Аз ҷумла, чунин нуктаҳо пешниҳод карда мешаванд:

Баррасии дипломатияи об дар фазои расонаии Тоҷикистон ба шакли мустақили гуфтумонӣ, ки дар буриши хатти дискурси сиёсӣ, экологӣ, байналмилалӣ ва маърифатӣ қарор гирифтааст;

Мушкилоти инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо дар матбуоти тоҷик аз нигоҳи жанрӣ, на аз диди матолиби таҳлилӣ, шарҳӣ ва мусоҳибавӣ, мавриди матраҳ қарор гирифтааст;

Баррасии сохтори луғавию риторикии воҳидҳое чун “сарвати миллӣ”, “таҳдиди глобалӣ”, “ташаббуси байналмилалӣ”, “манбаи ҳаёт”, “амнияти об” ва “масъулияти дастаҷамъӣ” ва ташаккули тасаввури мусбати ҷомеа;

Таҳлили чандқабатаи гуфтумони расонаии дипломатияи об дар расонаҳои давлатӣ, мустақил ва электронии тоҷик.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки он доираи таҳқиқоти суханшиносӣ ва рӯзноманигориро бо ворид намудани мавзуи дипломатияи об ба сатҳи нав мебарорад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки масъалаҳои муҳити зистро на танҳо аз дидгоҳи мазмун, балки аз нигоҳи сохтори гуфтор, риторика, қолабсозии маъно ва механизмҳои таъсиррасонӣ низ омӯхтан мумкин аст. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои рушди назарияи дискурс, ташхиси матни публисистӣ, таҳқиқоти коммуникатсияи экологӣ ва журналистикаи соҳавӣ заминаи иловагӣ фароҳам созанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот низ назаррас буда, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар

фаъолияти рӯзмарраи расонаҳо, бахшҳои матбуотии ниҳодҳои давлатӣ, марказҳои таҳлилӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва барномаҳои такмили ихтисоси рӯзноманигорон истифода шаванд. Махсусан, натиҷаҳои таҳқиқот барои таҳияи дастурҳои методӣ оид ба инъикоси мавзуъҳои илмӣ-экологӣ, беҳтар кардани сифати сарлавҳа, истифодаи дурусти истилоҳот, густариши жанрҳои таҳлилӣ, ҷалби коршиносон ва ҳамгироии василаҳои муосири пешниҳоди иттилоот муфид хоҳанд буд.

Ҷиҳати дигари аҳаммияти амалӣ дар он аст, ки таҳқиқот метавонад барои ниҳодҳое, ки дар ташаккули сиёсати иттилоотии экологӣ ва таблиғи ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон фаъоланд, заминаи корӣ фароҳам оварад. Вақте маълум мешавад, ки расонаҳо кадом паёмҳоро муассиртар интиқол медиҳанд, чи гуна қолабҳо камсамаранд ва дар куҷо мушкили маърифатӣ ҷой дорад, имкон пайдо мешавад, ки иртиботи давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар ин самт дақиқтар ва муассиртар ба роҳ монда шавад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мазмун ва самтҳои асосии диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мутобиқат доранд, зеро таҳқиқот ба таҳлили матбуот, жанрҳои рӯзноманигорӣ, дискурси расонаӣ, механизмҳои коммуникативии пӯшиши мавзуъҳои иҷтимоӣ ва нақши ВАО дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ нигаронида шудааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Саҳми шахсии довталаб дар интихоби мавзуъ, таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологӣ, ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандии маводди матолиби расонаӣ, иҷрои таҳлили муҳтаво, таҳлили муқоисавӣ ва дискурс-таҳлил, низоммандсозии натиҷаҳо, хулосабарорӣ ва таҳияи тавсияҳои илмӣ ва амалӣ пурра зоҳир мегардад.

Тасвиб ва амалисози натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар гузоришҳо, мақолаҳои илмӣ, муҳокимаҳои кафедравӣ,

конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла, ҳамоиши байналмилалии “Дипломатияи об ҳамчун таъминсозандаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва рушди устувор” дар мавзуи “Нақши ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар тарбияи экологии шаҳрвандон дар ВАО” (Душанбе, 2025) ва конференсияи ҷумҳуриявии “Васоити электронии ахбор дар шароити вусъатёбии муборизаҳои иттилоотӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ” дар мавзуи “Пиряхҳои Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ ҳамчун манбаи стратегии захираҳои обӣ: аҳаммияти гидроиқтисодӣ, хавфҳои иқлимӣ ва сиёсати мутобиқшавӣ” (Душанбе, 2.10.2025) мавриди истифода ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Қисме аз хулосаҳо дар баррасии масъалаҳои вобаста ба инъикоси мавзуъҳои экологӣ дар расонаҳо истифода шудаанд. Муҳокимаи натиҷаҳо дар муҳити илмӣ имкон дод, ки баъзе бахшҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ дақиқтар гарданд ва хулосаҳои асосӣ бо таҳлили иловагӣ мустаҳкам карда шаванд. Арзиши амалии онҳо пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти воқеии рӯзномаҳо, сомонаҳои хабарӣ ва барномаҳои омӯзишии рӯзноманигорӣ татбиқ шаванд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаи таҳқиқ дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - маҷаллаи байналмилалии “Фурӯғи илм”-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёми Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев, Паёми Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода чоп шудаанд, ки шумораашон ба 4 адад мерасад.

Инчунин, 2 мақолаи дигар дар маҷмуаи маводди конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 184 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Сохтори кор мутобиқи мантиқи масъала тарҳрезӣ шуда, аз баррасии асосҳои назариявию амалӣ оғоз ёфта, ба таҳлили хусусиятҳои жанрӣ ва муҳтавоии матбуот гузашта, бо арзёбии мушкилот, тамоюлҳо ва дурнамои тақвияти гуфтумони расонаии ҳифзи пиряхҳо анҷом меёбад.

ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚ (ФИШУРДА)

Дар бахши муқаддимаи диссертатсия мубрамият, дараҷаи таҳқиқоти мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсад, вазифа, объект мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби аввали диссертатсия **«Назария ва методологияи инъикоси масъалаҳои экологӣ ва дипломатияи об дар ВАО»** аз се фасл иборат мебошад. Фасли аввал **«Эволютсияи экожурналистика ҳамчун самти махсуси фаъолияти эҷодӣ»** буда, дар он мароҳили ташаккули экожурналистика баррасӣ гардидааст. Дар марҳилаи аввали ташаккули экожурналистика, ки онро метавон марҳилаи «огоҳсозии ибтидоӣ» номид, асосан нашрияҳои илмӣ ва маҷаллаҳои махсус ба масъалаҳои муҳити зист таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд. Масалан, “дар кишварҳои Ғарбӣ чунин маҷаллаҳо ба монанди National Geographic ва Scientific American аввалин платформаҳое буданд, ки “мавзуъҳои вобаста ба табиат ва экосистемаҳо ба таври оммавӣ пешниҳод мегардиданд” [1, с. 56]. Марҳилаи дуюми рушд, ки ба солҳои 1960 - 1980 рост меояд, бо баланд гардидани сатҳи огоҳии экологӣ дар ҷомеа алоқаманд аст. Ин давра бо таъсири як қатор ҳодисаҳои глобалӣ, аз ҷумла нашри китоби машҳури Рейчел Карсон «Silent Spring» (“Баҳори хомӯш”) дар соли 1962, ки ба мушкилоти истифодаи пестисидҳо (заҳрхимикатҳо) ва таъсири онҳо ба муҳити зист бахшида шудааст, алоқаманд мебошад [22]. Дар ин марҳила, экожурналистика тадриҷан ба

як бахши ҷудогонаи журналистика мубаддал гашт, ки дорои хусусиятҳои хоси худ, аз ҷумла истифодаи маълумоти илмӣ, таҳлили сабабу оқибатҳои равандҳои экологӣ ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли масъалаҳо мебошад. Инчунин, муҳаққиқ Р. Кокс чунин овардааст: “Нақши рӯзноманигор ҳамчун миёнарав байни илм ва ҷомеа бештар возеҳ гардид, зеро ӯ вазифадор буд маълумоти мураккаби илмиро ба забони содаю фаҳмо барои омма пешниҳод намояд” [23, с. 44]. Ин хусусият имрӯз низ яке аз аломатҳои асосии экожурналистика ба ҳисоб меравад.

Марҳилаи сеюми рушд, ки ба давраи пасошуравӣ ва глобализатсия рост меояд, ба ташаккули экожурналистика ҳамчун як институти мустақили иҷтимоӣ алоқаманд аст. Оид ба мавзуи мавриди назар коршинос Қурбонов Н. дар мақолаи “Ҳамкорӣ дар соҳаи об тақозои замон аст” чунин овардааст: “Дар ин давра, масъалаҳои экологӣ ба яке аз самтҳои калидии матбуоти ҷаҳонӣ табдил гардид, ки бо қабули санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Эъломияи Рио-де-Жанейро (1992) ва Ҳадафҳои рушди устувор тақвият ёфтанд” [13, с. 9].

Бо рушди технологияҳои рақамӣ ва интернет, экожурналистика ба марҳилаи нави рушд ворид гардид, ки онро метавон марҳилаи «конвергенсияи медиавӣ» номид. “Дар ин марҳила, рӯзноманигорон аз форматҳои гуногуни мултимедиявӣ, аз ҷумла, инфографика, видео ва лонгридҳо истифода мебаранд, то масъалаҳои мураккаби экологиро ба таври ҷолиб ва фаҳмо пешниҳод намоянд” [25, с. 43]. Аз гуфтаи Ҳансен А. чунин истинбот мешавад, ки ин тағйирот на танҳо шакли пешниҳоди иттилоотро дигар кард, балки муносибати аудиторияро низ нисбат ба масъалаҳои экологӣ тағйир дод.

Эволютсияи экожурналистика нишон медиҳад, ки он аз як самти иловагии иттилоотӣ ба як воситаи муҳими таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ ва сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо мушкилоти хоси экологӣ, аз ҷумла обшавии пиряхҳо ва

коҳишёбии захираҳои об рӯ ба рӯ аст, нақши экожурналистика боз ҳам муҳимтар мегардад, зеро он метавонад ҳамчун платформаи муколама байни давлат, ҷомеа ва ҷомеаи байналмилалӣ хизмат намояд.

Марҳилаи муосири ташаккул ва рушди экожурналистика бо амиқ гардидани ҳамгироии донишҳои илмӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ тавсиф мешавад, ки дар натиҷа экожурналистика ба як платформаи бисёрқабатаи коммуникатсионӣ табдил ёфтааст.

Ҳамин тавр, дар марҳилаи муосир экожурналистика ҳамчун як низоми мураккаб ва бисёрҷанба ташаккул ёфтааст, ки на танҳо воқеиятро инъикос мекунад, балки ба ташаккули он низ таъсир мерасонад. Фасли дуюми боби аввал **«Мафҳум ва моҳияти дипломатияи об дар дискурси сиёсӣ ва медиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта**,** дар он масоили перомуни моҳият ва мафҳуми дипломатияи об баррасӣ гардидаанд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мусоҳиба бо хабарнигори телевизиони СММ дар доираи Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид, ки санаи 24-уми марти соли 2023 дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико баргузор гардида буд, чунин ибрози назар намуданд: «Дар ҷаҳон кишваре нест, ки аз мушкилоти об вобастагӣ надошта бошад. Ин мушкилот дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти мардуми дунё мушоҳида мегардад. Дар баъзе кишварҳо мардум аз норасоии об барои нӯшокӣ, полезӣ, беҳдошт ва дигар бахшҳо танқисӣ доранд. Аз тарафи дигар, офатҳои зиёди табиӣ, мисли хушксолӣ, селу обхезиҳо ва тармафароӣ ба иқтисод ва ҳаёти мардум хисороти зиёд меоваранд. Барои ҳамин, ман фикр мекунам, ки дар ҳамаи ин масъалаҳо ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам минтақавию глобалӣ бояд механизмҳои боэътимоди муосир барои таъмини об ва мудирияти самараноки масъалаҳои марбут ба он таҳия ва роҳандозӣ карда шаванд. Чунки дар сурати нодида гирифтани мушкилоти ҷойдошта, расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор дар ҳама кишварҳо

ғайриимкон мегардад» [9]. Ин таъкид моҳияти умумибашарии дипломатияи обро равшан нишон медиҳад: масъалаи об дигар танҳо масъалаи дохилии давлатҳо нест, балки ба самти муҳими муносибатҳои байналмилалӣ, амнияти минтақавӣ, ҳамкории иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва сиёсати иттилоотӣ табдил ёфтааст.

Аз ин рӯ, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дипломатияи об се вазифаи асосӣ дорад, ки барои огоҳии мухотабон зикри онҳоро ҷоиз мешуморем: Якум, он дар дохили кишвар маърифати экологӣ ва фаҳмиши ҷамъиятиро қавӣ мекунад. Дуюм, дар сатҳи минтақа ҳамкорӣ ва муколамаро тақвият медиҳад. Сеюм, дар сатҳи байналмилалӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар мавзуъҳои глобалӣ мавқеи фаъол дошта бошад. Пас, дар дискурси сиёсӣ ва медиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон об ҳамчун масъалаи техникӣ не, балки ҳамчун масъалаи стратегӣ, гуманитарӣ ва тамаддунӣ муаррифӣ мешавад.

Дар маҷмуъ, дипломатияи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як падидаи стратегӣ ва бисёрҷанба ташаккул ёфтааст, ки рушди минбаъдаи он аз ҳамоҳангии байни сиёсати давлатӣ, фаъолияти ВАО ва сатҳи огоҳии ҷомеа вобаста мебошад. Фасли сеюми боби аввал “**Хусусиятҳои ташаккули рӯзномаи экологӣ дар матбуоти даврии муосир”** ном дошта дар он масъалаи самти мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифта аст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ин масъадла таъкид намуданд, ки «Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вазъи захираҳои об дар сайёра, махсусан оби тоза зери таъсири амиқи таҳдидҳои гуногун, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, афзоиши аҳолӣ, тамоюли шаҳрнишинӣ ва саноатикунонӣ сол то сол муташанниҷ гардида истодааст» [10]. Ин таъкид нишон медиҳад, ки масъалаҳои об, иқлим ва ҳифзи муҳити зист имрӯз аз доираи баҳси маҳдуди экологӣ гузашта, ба рӯзномаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва иттилоотии ҷомеаи муосир ворид шудаанд. Дар шароити

муосир, ташаккули рӯзномаи экологӣ дар матбуоти даврӣ ҳамчун як раванди мураккаб ва бисёрсатҳа арзёбӣ мегардад, ки ба омилҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ вобастагӣ дорад.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми ташаккули рӯзномаи экологӣ дар матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин вобастагии он аз сиёсати давлатӣ мебошад. Дар баробари ин, “нақши омилҳои байналмилалӣ низ дар ташаккули рӯзномаи экологӣ назаррас мебошад. Қабули санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Ҳадафҳои рушди устувор ва созишномаҳои вобаста ба иқлим, ба он оварда расонд, ки масъалаҳои экологӣ дар сатҳи глобалӣ аҳаммияти бештар пайдо карданд ва ин ба рӯзномаи расонаҳои миллӣ низ таъсир гузошт” [2]. Дар натиҷа, матбуоти даврӣ бештар ба мавзуъҳои вобаста ба тағйирёбии иқлим, ҳифзи гуногунии биологӣ ва истифодаи устувори захираҳои табиӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад.

Боби дуюми диссертатсия **“Вижагиҳои жанрӣ ва муҳтавоии инъикоси ташаббусҳои глобалии ҳифзи пиряхҳо дар матбуоти даврии тоҷик”** ном дошта, аз се фасл иборат мебошад. Дар фасли аввали боби дуюм **“Таҳлили қиёсии жанрҳои хабарӣ ва таҳлилӣ ҳангоми инъикоси мавзуъ”** таҳлили жанрҳои хабарӣ ва таҳлилӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи марти соли 2012 дар суханронии худ бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик таъкид намудаанд, ки «воситаҳои ахбори оммаи имрӯза ба минбари таҳлилу баррасии фарогири мушкилоти рӯз табдил ёфтаанд» [4].

Ин андеша барои таҳлили жанрҳои хабарӣ ва таҳлилӣ аҳаммияти методологӣ дорад, зеро нишон медиҳад, ки расонаҳо танҳо воситаи интиқоли хабар нестанд, балки майдони шарҳ, арзёбӣ ва фаҳмондани равандҳои муҳими иҷтимоӣ, сиёсӣ ва экологӣ низ ба шумор мераванд. Аз ҳамин нуқтаи назар, муқоисаи жанрҳои хабарӣ ва таҳлилӣ ҳангоми инъикоси масъалаҳои дипломатияи об ва ҳифзи пиряхҳо

имкон медиҳад, ки дараҷаи воқеъбинӣ, амиқӣ ва таъсиргузории маводи расонаӣ муайян карда шавад.

Дар фасли дуюми боби дуюм, ки “**Воситаҳои тасвири бадеӣ ва оммавии инъикоси мушкилоти обшавии пиряхҳо”** номгузорӣ шудааст, масъалаи инъикоси мушкилоти обшавии пиряхҳо ва тасвири бадеии он пажуҳиш сурат гирифтааст. Онҷуноне, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси якуми байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо таъкид намудаанд: «Ҳар зарраи талафшудаи пиряхҳо боиси афзоиши хатарҳо барои ояндаи инсоният мегардад» [19]. Ин суханон барои таҳлили воситаҳои тасвири бадеӣ ва оммавии масъалаи обшавии пиряхҳо аҳаммияти махсус дорад, зеро дар он пирях на танҳо ҳамчун объекти табиӣ ё манбаи об, балки ҳамчун арзиши ҳаётан муҳим ва нишонаи амнияти ояндаи инсон тасвир мешавад. Аз ҳамин нуқтаи назар, матбуоти тоҷик ҳангоми инъикоси мавзуи ҳифзи пиряхҳо бештар ба образҳои “хатар”, “оянда”, “ҳаёт”, “ганҷи табиат” ва “масъулияти муштарак” такя мекунад, то ки масъалаи мураккаби иқлим барои аудиторияи васеъ фаҳмо ва эҳсосшаванда гардад. Дар матолиби таҳлилӣ бошад, доираи воситаҳои тасвири бадеӣ хеле васеътар мегардад. Ҳамин раванд ба ташаккули муносибати эҳсосӣ низ мусоидат мекунад, ки дар масъалаҳои экологӣ аҳаммияти махсус дорад.

Дар баробари воситаҳои классикии бадеӣ, дар матбуоти даврии тоҷик, унсурҳои оммавӣ низ тадриҷан ҷойи худро пайдо мекунанд. Вақте дар матн гуфта мешавад, ки “коҳиши пиряхҳо метавонад ба кам шудани об дар фасли тобистон оварда расонад”[20, с. 90], ин аллакай на танҳо маълумоти илмӣ, балки як ишораи мустақим ба таҷрибаи зиндагии мардум мебошад.

Муҳаққиқ Д. Салимов корбасти воситаҳои тасвири бадеӣ дар матбуоти тоҷикро то ба ҳол якнавохт бо тартиб намедонад. Чунончи: “Истифодаи воситаҳои бадеӣ ва оммавӣ дар матбуоти даврии тоҷик ҳануз ҳам якхела ва муназзам

нест. Ҷанбаи муҳим дар ин раванд, инчунин, интихоби нуқтаи назар аст. Дар матолиби хабарӣ тасвир бештар аз мавқеи “берунӣ” сурат мегирад: рӯзноманигор воқеаро нақл мекунад, аммо ба он ворид намешавад. Дар матолиби таҳлилӣ бошад, имкони интихоби нуқтаи назари “дохилӣ” бештар аст, ки дар он муаллиф метавонад равандро аз дохили он шарҳ диҳад, робитаҳоро кушояд ва ҳатто ба хонанда роҳи фаҳмидани масъалаҳоро пешниҳод намояд.

Барои ҳамин дар матбуоти даврии тоҷик бояд мазмуни маводи хатардошта бо забони ҳалли мушкилот, масъулият ва имконияти амал ҳамроҳ карда шавад” [60, с. 89].

Ин нукта, махсусан, барои Тоҷикистон муҳим аст, зеро кишвар дар арсаи байналмилалӣ ташаббусҳои зиёди марбут ба об ва пиряхҳоро пеш мебарад. Фасли сеюми боби дуюм ба ҷойгоҳи матбуоти соҳавӣ ва минтақавӣ бахшида шуда “**Нақши матбуоти соҳавӣ ва минтақавӣ дар тарғиби ташаббусҳои вобаста ба иқлим”** номгузорӣ шудааст. Онҷуноне, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ таъкид намудаанд: «Мо бояд ҳамкориҳоро дар самти обу ҳифзи пиряхҳо, баррасии паёмадҳои тағйирёбии иқлим ва коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ дар доираи имкониятҳои мавҷуда идома дода, ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар қолаби “Раванди оби Душанбе” тадбирҳои зарурӣ андешем» [8]. Ин таъкид барои омӯзиши нақши матбуоти соҳавӣ ва минтақавӣ дар тарғиби ташаббусҳои вобаста ба иқлим аҳаммияти махсус дорад.

Дар таҳлили нақши матбуоти соҳавӣ ва минтақавӣ дар тарғиби ташаббусҳои вобаста ба иқлим, пеш аз ҳама бояд ба хусусияти сохтории худи фазои расонаии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ кард. Ин фазо танҳо аз расонаҳои марказӣ иборат нест, баръакс, он як низоми чандқабата мебошад, ки дар он нашрияҳои соҳавӣ ва маҳаллӣ ҳар яке бо вазифа ва аудиторияи хоси худ фаъолият мекунанд. Маҳз дар ҳамин гуногунрангии сохторӣ имкониятҳои нав барои

инъикоси мавзуи ҳифзи пиряхҳо ба вуҷуд меоянд, зеро ин мавзуъ табиатан ҳам хусусияти глобалӣ дорад ва ҳам таъсири маҳаллӣ.

Матбуоти соҳавӣ, ки бештар ба масъалаҳои маориф, иқтисод, энергетика, кишоварзӣ ё муҳити зист ихтисос ёфтааст, одатан ба таҳлили амиқтари мавзуъ майл дорад. Муҳаққиқи тоҷик М. Қосимов дар китоби “Рӯзноманигории муосири тоҷик: масъалаи назария ва амалия” чунин овардааст: “Дар чунин нашрияҳо масъалаи ҳифзи пиряхҳо на ҳамчун як рӯйдоди ҷудогона, балки ҳамчун унсури низоми захираҳои об ва рушди устувор баррасӣ мешавад. Масалан, робитаи байни обшавии пиряхҳо ва таъмини об барои обёрӣ, истеҳсоли неруи барқ ё амнияти озуқаворӣ метавонад дар маркази таҳлил қарор гирад. Ин раванд имкон медиҳад, ки мавзуъ аз доираи умумии “иқлим” берун баромада, ба масъалаҳои мушаххаси сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ пайваст шавад” [12, с. 113].

Дар муқоиса, матбуоти маҳаллӣ бештар ба таҷрибаи мустақими аҳолӣ такя мекунад. Нашрияҳои маҳаллӣ дар шаҳрҳо ва минтақаҳое чун Хуҷанд, Бохтар ё ноҳияҳои ВМКБ мавзуи пиряхҳоро аз нуқтаи назари таъсири он ба зиндагии ҳаррӯза инъикос менамоянд. Дар чунин матолиб масъалаи обшавии пиряхҳо ба кам шудани захираҳои об дар дарёҳои маҳаллӣ, тағйири шароити кишоварзӣ ва афзоиши хавфҳои табиӣ пайваст карда мешавад, зеро ин омилҳо мустақиман ба фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолӣ таъсир мерасонанд. Ин раванд имкон медиҳад, ки хонанда мавзуъро на ҳамчун як масъалаи дур ва абстрактӣ, балки ҳамчун воқеияти наздик ва таъсиргузор дарк намояд [19].

Дар баробари ин, матбуоти минтақавӣ вазифаи дигар дорад. Он ташаббуси вобаста ба иқлимро ба забони таҷрибаи маҳаллӣ тарҷума мекунад. Барои сокини ноҳияи кӯҳӣ, кишоварзи водӣ ё омӯзгори мактаби деҳот худи иборaи “ташаббуси байналмилалӣ дар мавзуи иқлим” шояд хеле расмӣ ва аз доираи тафаккури онҳо дур намояд. Аммо вақте

расонаи маҳаллӣ нишон медиҳад, ки тағйирёбии иқлим ба оби нӯшокӣ, замони кишт, ҳосили замин, хавфи сел, таъмини барқ ё ҳолати чарогоҳҳо чӣ гуна таъсир мерасонад, масъала шакли зинда пайдо мекунад. Дар ҳамин ҷо матбуоти минтақавӣ аз расонаи хабарӣ ба воситаи маърифати иҷтимоӣ табдил меёбад.

Боби сеюми диссертатсия **«Мушкилот, тамоюлҳо ва дурнамои тақвияти гуфтумони расонаии ҳифзи пиряхҳо»** ном дошта, аз се фасл иборат мебошад. Дар фасли аввали боби сеюм мушкилотҳои касбӣ ва салоҳиятнокии рӯзноманигорон баррасӣ гардида, он **“Камбудиҳои касбӣ ва мушкилоти салоҳиятнокии рӯзноманигорон дар инъикоси мавзуъҳои илмӣ-экологӣ”** номгузорӣ гардидааст. Дар баррасии камбудиҳои касбӣ ва мушкилоти салоҳиятнокии рӯзноманигорон ҳангоми инъикоси мавзуъҳои илмӣ-экологӣ, пеш аз ҳама бояд ба хусусияти худи ин соҳа таваҷҷуҳ кард. Журналистикаи экологӣ, бахусус, дар бахши ҳифзи пиряхҳо ва тағйирёбии иқлим, на танҳо дониши умумии рӯзноманигориро талаб мекунад, балки доираи муайяни донишҳои байнисоҳавиро низ пеш мегузорад: аз асосҳои иқлимшиносӣ ва гидрология то фаҳмиши сиёсати байналмилалӣ ва дипломатияи об. Маҳз дар ҳамин мураккабӣ яке аз сабабҳои асосии мушкилоти касбӣ нуҳуфтааст, зеро на ҳар рӯзноманигор имкони дастрасӣ ба чунин донишҳои муосиру мукаммалро дорад.

Дар таҷрибаи матбуоти тоҷик мушоҳида мешавад, ки “қисми зиёди рӯзноманигорон мавзуи ҳифзи пиряхҳоро на аз нуқтаи назари таҳлилӣ, балки бештар аз ҷиҳати иттилоотӣ, инъикос мекунанд. Ин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки матолиб асосан ба такрори маълумоти расмӣ ва изҳороти мансабдорон маҳдуд мешаванд” [16, с. 38]. Масалан, дар таҳлили маводҳои солҳои охир дида мешавад, ки то 70 - 75% хабарҳои марбут ба иқлим ва ҳифзи пиряхҳо ба манбаъҳои расмӣ такя мекунанд ва дар онҳо шарҳи мустақили рӯзноманигор кам ба назар мерасад. Мушкилоти асосӣ дар ин

замина норасоии дониши тахассусӣ мебошад. Рӯзноманигоре, ки бо истилоҳоти илмӣ, равандҳои иқлимӣ ва механизми тағйирёбии пиряхҳо шинос нест, маҷбур мешавад ба забони умумӣ ва тавсифи сода такя кунад. Мушкилоти дигар ба кор бо манбаъҳо дахл дорад.

Таҳқиқ ва омӯзиш имкон медиҳад, ки ба як ҷанбаи боз ҳам амиқтар – фарқияти сатҳи салоҳиятнокӣ байни гурӯҳҳои гуногуни рӯзноманигорон – таваҷҷуҳ карда шавад. Дар муҳити расонаии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин фарқият хеле возеҳ эҳсос мешавад. Рӯзноманигороне, ки дар расонаҳои марказӣ фаъолият мекунанд, одатан ба манбаъҳои бештар, аз ҷумла, иттилооти расмӣ ва чорабиниҳои байналмилалӣ дастрасӣ доранд.

Идома додани таҳлил имкон медиҳад, ки ба як ҷанбаи ниҳоят муҳим – таъсири мустақими камбудиҳои касбӣ ба мазмун ва самаранокии гуфтумони расонаӣ – таваҷҷуҳ карда шавад. Агар то ин дам масъала бештар дар сатҳи омилҳо баррасӣ гардида бошад, дар ин марҳила бояд нишон дод, ки ин камбудиҳо чӣ гуна дар худи матн таҷассум меёбанд ва чӣ паёмад доранд? Яъне, сухан на танҳо дар бораи он меравад, ки рӯзноманигорон чиро намедонанд ё намефаҳманд, балки дар он хусус аст, ки ҳосили ин “надонистан” ба чӣ гуна матн табдил меёбад.

Яке аз чунин паёмадҳо – сатҳӣ шудани тасвири масъала мебошад. Муҳаққиқи англис Банде дар мақолаи хеш овардааст: “Вақте ки рӯзноманигор дониши кофӣ надорад, ӯ одатан ба тавсифи зоҳирии падида маҳдуд мешавад. Масалан, зикр мешавад, ки “пиряхҳо об мешаванд” ё “тағйирёбии иқлим таъсир мерасонад”, аммо ин равандҳо на аз ҷиҳати динамика ва на аз ҷиҳати паёмадҳои дарозмуддат шарҳ дода намешаванд” [21, с. 58]. Аз рӯи далелҳои ба дастомада маълум гардид, ки дар зиёда аз нисфи маводҳо (тақрибан 55 - 60%) робитаи пурраи сабаб ва натиҷа кушода намешавад. Ин маънои онро дорад, ки хонанда иттилоъ мегирад, аммо савияи донишаш баланд намегардад.

Паёмади дигар – тибқи ақидаи пажуҳишгари мазкур “шаклгирии тасаввуроти номукаммал ё ҳатто қисман ғалат мебошад. Вақте ки истилоҳот нодуруст истифода мегардад ё рақамҳо бе тавзеҳ оварда мешаванд, хонанда метавонад хулосаҳои нодуруст барорад. Масалан, омехта шудани мафҳумҳои кӯтоҳмуддат (тағйироти мавсимӣ) ва дарозмуддат (тамоюлҳои иқлимӣ) метавонанд ба камаҳаммият нишон додани масъала ё баръакс, тавсиф намудани он оварда расонад” [21, с. 59]. Чунин ҳолатҳо дар маводҳои таҳлилӣ мушоҳида мешаванд, ки барои мавзуи дорои аҳаммияти стратегӣ нигаронкунанда аст.

Ҷанбаи дигар – маҳдуд шудани доираи муҳокима мебошад. Вақте ки рӯзноманигор ба якчанд манбаи маҳдуд такя мекунад, мавзуъ низ аз як нуқтаи назар инъикос мешавад. Дар натиҷа, дискурси расонаӣ хусусияти якҷониба мегирад. Масалан, ҳифзи пиряхҳо метавонад танҳо ҳамчун масъалаи экологӣ муаррифӣ шаванд, дар ҳоле ки паёмадҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва геополитикии онҳо камтар баррасӣ мешаванд.

Дар натиҷаи таҳқиқу баррасии мавзуи мазкур метавон ба як хулосаи умумӣ расид: камбудиҳои касбӣ на танҳо мушкили дохилии соҳа мебошанд, балки омиле ҳастанд, ки мустақиман ба сифати дарки ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд.

Фасли дуюми боби сеюм **“Ҳамгироии медиавӣ ва истифодаи шаклҳои муосир (инфографика, лонгрид) барои ҷалби аудитория”** номгузорӣ шудааст. Дар ин фасл масъалаҳои ҷалби аудитория тавассути васоити навин мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ин росто Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба гузариши воситаҳои ахбори омма ба шаклҳои нави технологӣ таъкид намудаанд: «Пахши рақамӣ – ин сифати олии тасвиру садо ва имконияти фаровони истифода аз теъдоди зиёди шабакаву хизматрасониҳо мебошад» [7]. Ин андеша барои таҳлили ҳамгироии медиавӣ дар инъикоси масъалаҳои экологӣ аҳаммияти хос дорад, зеро

расонаи муосир дигар танҳо бо матни хаттӣ маҳдуд намешавад, он бояд иттилооти илмӣ ва экологиро тавассути инфографика, акс, видео, харитаҳои интерактивӣ, лонгрид ва дигар шаклҳои фаҳмо ба аудитория расонад.

Дар баррасии ҳамгироии медиавӣ ва истифодаи шаклҳои муосир барои ҷалби аудитория, пеш аз ҳама бояд дарк кард, ки муҳити иттилоотии имрӯз ба таври куллӣ тағйир ёфтааст. Агар қаблан матбуоти анъанавӣ (рӯзнома, маҷалла) воситаи асосии интиқоли иттилоот буд, имрӯз технологияҳои рақамӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои мултимедиявӣ ба фазои асосии муоширати иттилоотӣ табдил ёфтаанд. Дар чунин шароит мавзуъҳои мураккаб, аз ҷумла, обшавию ҳифзи пиряхҳо, дигар наметавонанд танҳо бо шаклҳои классикии матнӣ самаранок инъикос шаванд.

Ин формат барои баррасии мавзуъҳои мураккаб хеле мувофиқ аст, зеро имкон медиҳад, ки масъала аз чанд ҷиҳат таҳлил карда шавад" [17, с. 122]. Шабакаҳои иҷтимоӣ низ ба як фазои муҳими паҳнкунии иттилоот табдил ёфтаанд. Дар ин платформаҳо, шакли пешниҳоди иттилоот бояд кӯтоҳ, равшан ва ҷолиб бошад. Аз ин рӯ, истифодаи видеоҳои кӯтоҳ, тасвирҳои иттилоотӣ ва матнҳои фишурда аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Барои мавзуи ҳифзи пиряхҳо, ки метавонад барои қисми аудитория дур ва мураккаб ба назар расад, чунин шаклҳо имкони наздик кардани мавзуъро фароҳам меоранд.

Дар баробари ин, бояд ба як ҷанбаи муҳим – мутобиқсозии мазмун ба формат – низ таваҷҷуҳ кард. На ҳар як мавод метавонад ба осонӣ ба инфографика ё видео табдил ёбад. Барои ин, рӯзноманигор бояд тавонад маълумотро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо кунад ва барои ҳар як формат шакли мувофиқ интихоб намояд. Ин малака, ки ба як навъ "тафаккури мултимедиявӣ" табдил меёбад, дар журналистикаи муосир аҳаммияти бузург дорад.

Ҳамгироии медиавӣ ва истифодаи шаклҳои муосир на танҳо як тамоюли техникӣ, балки зарурати мазмунӣ мебошад. Он имкон медиҳад, ки мавзуи ҳифзи пиряхҳо ба таври

амиқтар, фаҳмотар ва таъсиргузортар пешниҳод гардад. Дар шароите ки аудитория бештар ба форматҳое таваҷҷуҳ мекунад, ки ҳамзамон иттилоотӣ ва визуалӣ мебошанд, ин раванд метавонад ба баланд шудани сатҳи ҷалби ҷомеа ва фаҳмиши мавзуъ мусоидат намояд.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки рушди ин самт дар матбуоти тоҷик дар марҳилаи ташаккул қарор дорад. Аммо, аллакай, нишонаҳои мусбат ба назар мерасанд ва ин тақозо менамояд, ки бо такмили малакаҳо ва истифодаи самараноки технологияҳо журналистика метавонад ба сатҳи нав барояд ва нақши худро дар инъикоси масъалаҳои муҳими экологӣ, аз ҷумла, ҳифзи пиряхҳо, боз ҳам тақвият бахшад.

Ҷанбаи дигар – мутобиқсозии як мавод ба платформаҳои гуногун мебошад. Дар шароити ҳамгироии медиавӣ, маводи таҳлилӣ метавонад дар шаклҳои гуногун пешниҳод гардад, ки Н. Калинина чунин овардааст: “Матни муфассал барои сомона, версияи кӯтоҳ барои шабакаҳои иҷтимоӣ, инфографика барои паҳнкунии визуалӣ ва ҳатто видео барои аудиторияи васеъ” [18, с. 32]. Аммо, таҳлил нишон медиҳад, ки танҳо тақрибан 12-15% маводҳо дар матбуоти даврии тоҷик ба чунин шакли бисёрплатформавӣ мутобиқ карда мешаванд.

Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки ҷалби таваҷҷуҳ худ ҳадафи ниҳоӣ нест. Акнун вазифа он аст, ки мавод ба хонанда таъсирбахш бошад.

Пас аз таҳқиқи мукаммал метавон ба хулосаи ниҳоии ин зербанд расид: шаклҳои муосири журналистика барои ҷалби аудитория ва фаҳмондани мавзуъҳои мураккаб имкониятҳои нав фароҳам меоранд, аммо самаранокии онҳо аз тарзи истифода вобаста аст. Дар ҳолате ки онҳо ба таври системавӣ, бо дарназардошти хусусиятҳои аудитория ва бо нигоҳ доштани мазмуни амиқ истифода шаванд, метавонанд ба як абзори пурқуввати ташаккули шуури экологӣ табдил ёбанд. Дар акси ҳол, онҳо танҳо ба унсурҳои зоҳирӣ табдил ёфта, таъсири худро аз даст медиҳанд. Фасли сеюми боби сеюм

“Дурнамо ва стратегияҳои такмили инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо дар матбуоти даврии тоҷик” ном дорад. «Таҳия ва татбиқи стратегия ва барномаҳои амал дар сатҳҳои миллӣ ва минтақавӣ ба хотири наслҳои оянда» – таъкид намудааст Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси якуми байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо (30 майи соли 2025).

